# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Давлатов Ифтихор Асрорович дар мавзуи «Вижагиҳои луғавию сарфии истилоҳоти маъмурию коргузорӣ дар забони тоҷикӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ пешниҳод гардидааст.

Пажуҳишу баррасии истилоҳоти соҳавӣ ва муайян намудани мавқеи онҳо дар илми забоншиносӣ яке аз масъалаҳои бисёр мубрам дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон маҳсуб меёбад, зеро истилоҳоти ин ё он соҳа барои дақику амиқ намудани таркиби луғавии соҳаҳои мухталифи илму фан мусоидат намуда, барои дар сатҳи зарурӣ дар ҷамъияту истеҳсолот корбаст намудани онҳо шароити заруриро фароҳам меорад. Вижагиҳои луғавию сарфии истилоҳоти маъмурию коргузориии забони тоҷикӣ то ба имрӯз таҳқиқи илмии мукаммал нашудааст.

Ҳамин ҷиҳати масъаларо ба инобат гирифта, Давлатов Ифтихор Асрорович рисолаи илмиашро ба мавзуи «Вижагиҳои луғавию сарфии истилоҳоти маъмурию коргузорӣ дар забони тоҷикӣ», ки масъалаи муҳимму мубраму саривақтӣ мебошад, бахшидааст. Мавзуи таҳқиқии мавриди назар аз зумраи мавзуъҳо ва масоили пажуҳишиест, ки ба рамзи ихтисоси тасдиқнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 10.02.01 – Забони тоҷикӣ пурра мувофиқат мекунад.

Дар муқаддимаи автореферати диссертатсия аҳаммияту дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, объекту предмети таҳқиқ, асосҳои назарию методологӣ, сарчашмаҳо ва навгонии таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарию амалии таҳқиқ ва дигар бахшҳои марбут ба муқаддима хеле дақиқ ва мушаххас оварда шудаанд. Дар «Қисми асосии таҳқиқ» оид ба муҳтавои ҳар як бобу фаслҳои диссертатсия маълумот ва матолиби ҷолиб оварда шудааст.

Боби аввали диссертатсия – «Мавқеи истилоҳоти маъмурию коргузорӣ дар низоми истилоҳии забони тоҷикӣ» унвон дошта, аз се фаслу зерфаслҳо

иборат аст. Дар онҳо марҳилаҳои асосии рушди истилоҳоти маъмурию коргузорӣ, хусусиятҳои лингвистии истилоҳоти маъмурию коргузорӣ, мутобиқати савтӣ, хусусиятҳои луғавӣ, хусусиятҳои грамматикӣ, муродифшавии истилоҳоти маъмурию коргузорӣ мавриди пажӯҳиш қарор гирифтаанд.

Дар фасли якуми боби мазкур – «Марҳилаҳои асосии рушди истилоҳоти маъмурию коргузорӣ», таҳлил шуда, дар хусуси таърихи пайдоиш, ташаккулу таҳаввул ва мавқеи истилоҳоти маъмурию коргузорӣ дар ҷамъият маълумоти муфид дода шудааст.

Диссертант бо овардани далелҳои саҳеҳу раднопазир аз қаъри таърих сарчашма гирифтани истилоҳоти мавриди таҳқиқро ёдрас шуда, марҳилаҳои асосии рушди онҳоро муайян намудааст. Аз рӯйи маълумоти дар автореферат овардаи диссертант маълум мегардид, ки истилоҳоти маъмурию коргузорӣ дар забони тоҷикӣ аз замони ташкилёбии давлатҳои мутамарказии тоҷикон – Ҳахоманишиён, Сосониён, Тоҳириён ва Сомониён сар карда, рӯ ба инкишоф ниҳодааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ дар фасли дуюми боби аввал, ки «Хусусиятҳои лингвистии истилоҳоти маъмурию коргузорӣ» унвон дорад, мутобиқати савтӣ, хусусиятҳои луғавӣ ва грамматикии истилоҳоти маъмурию коргузориро таҳқиқу баррасӣ кардааст. Дар ин бахши кор диссертант кӯшиш намудааст, ки ҳар як истилоҳи маъмурию коргузориро бо дарназардошти хусусиятҳои савтӣ, луғавӣ ва грамматикиашон омӯхта, аҳаммияти вижаи онҳоро дар забоншиносии тоҷик махсусан таъкид намудааст.

Фасли сеюми боби якум «Муродифшавии истилоҳоти маъмурию коргузорӣ» номгузорӣ шуда, дар он яке аз масъалаҳои муҳимму баҳсноки истилоҳшиносӣ – муродифшавии истилоҳоти маъмурию коргузорӣ, мушкилот, духӯрагӣ ва роҳҳои самарабахши интихобу қабули истилоҳоти саҳеҳу ба мақсад мувофиқ мавриди пажуҳиши илмӣ қарор дода шудааст.

Боби дувуми рисола «Вижагиҳои луғавию маъноии истилоҳоти маъмурию коргузорӣ дар забони тоҷикӣ» унвон дошта, аз чор фасл иборат мебошад.

Фасли аввали боби дуюм, ки «Ифодашавии истилоҳоти маъмурию коргузорӣ бо воситаҳои гуногуни забонӣ» ном дорад, ба таҳқиқи роҳҳои ифодашавии истилоҳоти маъмурию коргузорӣ ба воситаҳои гуногуни забонӣ бахшида шудааст. Диссертант дар ин қисмати кор роҳу воситаҳои ифодаёбии истилоҳоти мазкурро мавриди омӯзишу таҳлил қарор дода, паҳлуҳои норавшани масъалаи мазкурро бо таҳлили мисолҳои зиёд бо асосҳои раднопазири илмӣ нишон додааст.

Фасли дуюми боби дуюм «Манбаъҳои пайдоиши истилоҳоти маъмурию коргузорӣ» унвон дошта, дар он доир ба масъалаи манбаъҳои пайдоиши истилоҳоти маъмурию коргузорӣ сухан рафтааст. Ба ақидаи диссертант манбаъҳои пайдоиши истилоҳоти маъмурию коргузорӣ гуногун буда, бо таъсири равандҳои сиёсию иҷтимоӣ аз забонҳои арабӣ, туркӣ-муғулӣ, русию аврупоӣ ва дигар забонҳо ба таркиби луғавии забони тоҷикӣ истилоҳоти зиёд ворид шудаанд, ки имрӯз ҳамчун калимаҳои иқтибосӣ дар забонамон дар мавридҳои зарурӣ корбаст мешаванд. Барои ифодаи истилоҳоти маъмурию коргузорӣ дар баробари корбасти истилоҳоти аслии тоҷикӣ истилоҳоти иқтибосӣ низ мавриди корбурд қарор дода мешаванд.

Диссертант дар фасли сеюм – «Истилоҳоти куҳнашуда» доир ба истилоҳоти маъмурию коргузорие, ки бо мурури замон ва тараққиёти ҷамъият аз доираи истифода баромада бо ҳукми таърих ба гурӯҳи калимаҳои куҳнашуда дохил шудаанд, маълумоти муътамади илмӣ додааст. Масалан, дар автореферат калимаҳои *барот, қушбегӣ, туқсабо, девонбегӣ, аркон, аълоҳазрат, қозиёт, амир, амин* дар радифи калимаҳои куҳнашуда зикр шудаанд, ки имрӯз ҷойи онҳоро наввожаҳо гирифта, дар забони адабии ҳозираи тоҷик дигар мавриди истифода қарор надоранд.

Фасли чоруми боби дуюм – «Истилоҳоти иқтибосӣ» ном дошта, дар ин ин фасл доир ба роҳҳои гузариш, доираи истеъмол ва мавқеи калимаҳои

иқтибосие, ки имрӯз ҳамчун истилоҳоти маъмурию коргузорӣ дар забони тоҷикӣ корбаст мешаванд, маълумот дода шудааст. Аз рӯйи таҳқиқи анҷомдодаи диссертант маълум мегардад, ки дар таркиби забони тоҷикӣ барои ифодаи истилоҳоти маъмурию коргузорӣ истилоҳоти иқтибосии арабӣ, туркӣ-муғулӣ ва русию аврупоӣ нақши фаъол доранд.

Боби сеюми таҳқиқ – «Сохтори морфологии истилоҳоти маъмурию коргузорӣ» номгузорӣ шуда, аз чор фасл иборат мебошад. Ин қисмати кори таҳқиқотӣ ба пажӯҳиши махсусиятҳои сохтори истилоҳоти маъмурию коргузорӣ бахшида шудааст.

Фасли аввали боби сеюм – «Истилоҳоти сода» ба таҳқиқу баррасии истилоҳоти содаи маъмурию коргузорӣ бахшида шудааст. Диссертант дар ин қисмати кор истилоҳоти мазкурро мавриди таҳлил қарор дода, доираи истеъмол, аҳаммияти корбурд ва саҳми ин гурӯҳи истилоҳоти маъмурию коргузориро дар сохтани дигар истилоҳоти мавриди назар нек арзёбӣ кардааст. Аз нуқтаи назари диссертант истилоҳоти содаи маъмурию коргузорӣ аз калимаҳои аслии тоҷикӣ ва иқтибосии русӣ, арабӣ, лотинӣ, туркӣ-муғулӣ, юнонӣ, фаронсавӣ иборат мебошанд.

Дар фасли дуюм – «Истилоҳоти сохта» ба таҳқиқу баррасии истилоҳоти сохтаи маъмурию коргузорӣ бахшида шудааст. Диссертант аҳаммияти пешванду пасвандҳоро дар сохтани истилоҳоти мазкур махсус таъкид намуда, истилоҳоти бо ин роҳи калимасозӣ бавуҷудомадаро ба ду гурӯҳ дастабандӣ намудааст: бо пешвандҳои калимасоз ва бо пасвандҳои калимасоз.

Фасли сеюми боби мазкур «Истилоҳоти мураккаб» унвон дошта, дар он доир ба роҳҳои калимасозии истилоҳоти мураккаби маъмурию коргузорӣ сухан меравад. Чи тавре ки аз сохтори маводи гирдовардаи диссертант маълум шуд, истилоҳоти мураккаби маъмурию коргузорӣ ба ду гурӯҳ: истилоҳоти мураккаби пайваст ва тобеъ ҷудо карда шудааст. Аммо, чӣ тавре ки муаллифи рисола зикр мекунад, ҳар ду гурӯҳи истилоҳот дар забони тоҷикӣ аз рӯйи дараҷаи истеъмол сермаҳсул нестанд.

Фасли чоруми боби зикршуда, «Истилоҳоти омехта» ном дошта, дар ин қисмати кор усули дигари калимасозии истилоҳоти маъмурию коргузорӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шуда, нақши ин роҳи калимасозӣ дар рушду инкишофи таркиби луғавии забони тоҷикӣ ва алалхусус дар такмили истилоҳоти забоншиносӣ таъкид шудааст.

Диссертант Давлатов И. А. дар ҷараёни пажуҳиш маводи хеле зиёд ва арзишманде гирд оварда, андешаҳои хешро низ доир ба нуктаҳои баҳсталаби мавзуи мавриди назар баён намудааст. Нуктаи муҳим ин ки ҷанбаи илмии автореферат қавӣ буда, муаллиф барои таълифи пажӯҳиши мазкур аз осори таҳқиқии зиёди муҳаққиқон истифода бурдааст.

Автореферат бо забони хуби илмӣ навишта шуда, баёнгари он аст, ки муаллифи он заҳмати зиёде кашидааст, то ки дар атрофи ин мавзуъ кори илмии судманде ба анҷом расонад.

Дар фишурдаи мавриди тақриз дар радифи комёбиҳои фаровон баъзе камбудиҳо роҳ ёфтаанд, ки ба пиндори ин ҷониб ба назар гирифтани онҳо боиси болоравии ҳусни кор хоҳад гардид.

1. Дар шакли русии автореферат баъзе ҷумлаҳо ба таҳрир ниёз доранд.

2.Дар автореферат баъзе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ (саҳ.4 , 10, 26) ба назар расид, ки ислоҳи онҳо ба фоидаи кор хоҳад буд.

Албатта, ин гуна ғалатҳо хусусияти ҷузъӣ доранд ва ба ҳеҷ ваҷҳ ба арзиш ва аҳаммияти илмию амалии кори таҳқиқгардида таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Мазмун ва муҳтавои фишурдаи он, ки бо ду забон: тоҷикӣ ва русӣ таълиф гардидааст мувофиқати комил дошта, мундариҷаи корро якҷоя бо мақолаҳои таълифнамудаи муаллиф, ки дар маҷмуъ фарогири 13 адад мебошанд, пурра инъикос мекунанд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Давлатов Ифтихор Асрорович дар мавзуи «Вижагиҳои луғавию сарфии истилоҳоти маъмурию коргузорӣ дар забони тоҷикӣ» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳияи авторефератҳо ҷавобгӯ буда,

муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти кафедраи забони тоҷикии
Муассисаи таълимии байнидавлатии
маълумоти олии «Донишгоҳи (славянӣ)
Россия ва Тоҷикистон» Амлоев Аминҷон Ятимович

Нишонӣ: 734041, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи
Ҳисор, бинои 28/1, хонаи 21
Тел.: (+992) 917-58-77-78
E-mail: amloev@mail. u

Имзои **Амлоев Аминҷон Ятимович**ро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳои
Муассисаи таълимии байнидавлатии
маълумоти олии «Донишгоҳи (славянӣ)
Россия ва Тоҷикистон» Раҳимов А. А.

Нишонии муассиса: 734025,
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кучаи
М. Турсунзода 30
Тел.: (+992 37) 221-35-50
E-mail: rtsu-1996@mail.ru

«29» 08 соли 2025.